**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «01» 09 соли 2025 № 330/бд ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани диссертатсияи Рахманов А.А.

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Рахманов Азим Абдуллаевич дар мавзуи «Развитие теории консолидации слабых водонасыщенных глинистых грунтов в основании гидротехнических сооружений» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шавад.
2. Қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (аз 03.09.2025) дар бораи додани дараҷаи илмӣ бекор карда шавад.
3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Рахманов А.А. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.
4. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро ба шурои 6D.КОА-059 дастрас ва дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат Бахтиёр Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Рахманов А.А. аз 27 августи соли 2025 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Раис Сайфиддин Давлатзода

НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ